

**Дар доираи Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо “Кӯмаки техникӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим”.**

# КОРКАРДИ ХАРИТА

## оид ба касби «Қаннод»

**Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» тайи 3 рӯз – 30, 31 май ва 1 июни соли ҷорӣ оид ба коркарди Харитаи касби “Қаннод”, ки аз рӯи методи DACUM таҳия гаштааст, дар доираи Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо “Кӯмаки техникӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим” семинар-тренинг баргузор кард. Дар семинар коршиносон - мутахассисон, омӯзандагони маъюбон, омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон иштирок карданд. Ҳадафи тренинг коркарди харитаи касби «Қаннод» ҷиҳати баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолии системаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва маркази таълими калонсолон бо роҳандозии таълими ниёзмандон арзёбӣ гардид.**

Тренинг, тавре ишора рафт, бо мусоидат ва дастгирии лоиҳаи «Кумаки техникӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим» оғоз гирифт ва дар он директори МД «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»

А. Қаҳҳоров роҷеъ ба лоиҳаи болозикр сухани ифтитоҳӣ иброз кард.

Сипас, тренер-фасилитатор Ислом Раҳмонов дар мавриди маҳсулоти қаннодӣ маълумоти умумӣ пешниҳод кард. Мавсуф гуфт, маҳсулоти қаннодӣ яке аз хӯрокворихои серғизоӣ ширин буда, мазза, бӯй, намуди хуб доранд, ки бо қиммати баланди истеъмолӣ ва хуб ҳалшавандагии худ аз дигар ғизоҳо фарқ мекунанд. Ҳамаи маҳсулоти қаннодӣ дар нитиҷаи коркарди шакар ва дигар моддаҳои ширини ёрирасон, ба монанди; асал, кисилит (ивазкунандаи қанд барои бемории касалии қанддошта), патока, шарбат ва мағзи меваҳои гуногун, шир, равған, хокаи какао, орд, кислотаҳои хӯрока, рангдиҳандаҳо, хӯришкунандаҳо ва дигар махсулотҳо истеҳсол карда мешаванд.

Дар Ҷумҳӯрии Тоҷикистон истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ аз қадимулаём маълум буд ва то ба ҳол қаннодони алоҳидаи маҳалӣ дар ноҳияҳо намудҳои гуногуни ин маҳсулотҳоро тайёр намуда, барои ороиши дасторхонҳои тӯёна истифода мебаранд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд фабрикаҳои калони қаннодӣ ба номи «Ширин» ва «Лаззат» мавҷуд аст. Онҳо бо таҷҳизоти технологияи баланди ҳозиразамон намудҳои гуногуни маҳсулоти қаннодиро истеҳсол менамоянд.

Қайд кардан лозим аст, ки то соли 1992, дар собиқ давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ (СССР), маҳсулоти қаннодӣ зиёда аз 5000 номгӯйро ташкил медод ва дар як сол 4,2 млн. тонна истеҳсол карда мешуд. 120 намуди онҳо нишонаи «Сифати давлатӣ» доштанд. Ҳамин тавр маҳсулоти қаннодӣ ҳамеша мавриди истифода қарор доранд, вале камбудии асосии онҳо ҳамчун хӯрока аз он иборат аст, ки дар таркибашон ҳамаи намуди витаминҳо хеле кам мебошад, чунки ашёи хоме, ки аз онҳо (шакар ва патока) ин маҳсулотҳо ҳосил карда мешаванд, аз витаминҳо хеле камбағаланд. Масалан, дар 100 г. сухарӣ 0,38 мг. витаминҳо мавҷуд асту халос.

Ҳамаи маҳсулоти қаннодиро вобаста ба намуди ашёи хом ва хусусияти тайёркардаашон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мекунанд: 1) маҳсулоти қаннодии мевагӣ; 2) шоколад ва хокаи какао; 3) карамелҳо; 4) конфетҳо; 5) маҳсулоти ордии қаннодӣ; 6) ҳалво ва шириниҳои шарқӣ.

Маҳсулоти қаннодии мевагӣ асосан аз шакар, шарбати меваҳо, пектинҳо, ширaи оҳар (патока), шир, равған, сафедаи тухм, моддаи бӯю—рангдиҳанда, барги растаниҳои гуногун, кислотаҳои ғизоӣ ва ғайра истеҳсол карда мешаванд. Ин гурӯҳи маҳсулоти қаннодӣ ҳамеша мавриди истифода қарор доранд ва бо калориянокии баланди худ аз дигар ғизоҳо фарқ мекунанд. Ба маҳсулоти қаннодии мевагӣ мармелад, мураббо, повидло, ҷем, меваҳои шакарӣ (цукатҳо) дохил мешаванд.

Маҳсулоти қаннодии мевагӣ дар таркиби худ қариб ҳамаи моддаҳои ғизогиро доранд ва миқдори онҳо ба ҳисоби вазни хушк (70 –80) % - ро ташкил медиҳанд. Ҳангоми муайизи муайян намудани сифати маҳсулоти қаннодии мевагӣ мувофиқи стандарти амалкунанда ба мазза, бӯй ва ранги онҳо эътибори махсус медиҳанд ва ин ба миқдори ашёи хоми нимтайёри маҳсулоти мевагии истифодабурдашаванда вобастагии зич дорад.

Ба ҳамин монанд дар семинар хусуси дигар гурӯҳҳои маҳсулоти қиннодӣ низ таври мухтасар маълумот дода шуд ва пасон дар мавриди фарқияти методи нави омода намудани маҳсулоти қаннодӣ дар замони муосир ва талабот ба он сухан рафт.

Дар давоми 3 рӯзи семинар-тренинг иштирокдорони он - омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон дар ибтидо бо талаботи умумии касби «Қаннод» ошно гаштанд. Дар қисмати аввал ба онҳо сифати касбӣ, муносибат ва рафтори корманд роҷеъ ба касб фаҳмонида шуд. Дар ҳақиқат касби мазкур масъулият, покӣ, ҷиддият, сиҳатии комил, сабурӣ, меҳнатдӯстӣ, таваҷҷуҳ, бамулоҳизагӣ ва тавоноиро мепарварад.



Ҳамчунин дар семинар-тренинг аз он хусус сухан рафт, ки қаннод дар сурате муваффақ гашта метавонад, ки аз воситаҳо, таҷҳизот ва ашёҳои корӣ комилан огаҳ бошад ва аз онҳо дуруст истифода бурда тавонад. Ин буд, ки дар машғулиятҳо барои пешбурди кори қаннодӣ тамоми ашёву воситаҳои зарурӣ муҳайё гардид ва иштирокдорон таври амалӣ тарзи омода намудани як қатор маҳсулоти қаннодиро саҳеҳ омӯхтанд

Тренер–фасилитаторон Ислом Раҳмонов, Озар Бахтиёров ва Фариддун Латифов аз рӯи харитаи DACUM ба иштирокдорони тренинг фаҳмонданд, ки қаннодӣ аслан вазифаҳои зеринро фаро мегирад: риояи қойдаҳои ҳифзи меҳнат, бехатарии техникӣ, рушди малакаҳои кортаъминкунӣ, ташкили ҷараёни корӣ, нигоҳубини маҳсулот, ҷамъ овардан ва муҳофизати он. Ҳамзамон вазифаҳои мазкур дар дохили худ анҷом додани як зумра корҳоеро тақозо доранд, ки бе иҷрои босифати онҳо кас ба комёбӣ муваффақ гашта наметавонад.

Ҳамин тавр, дар семинар-тренинги серӯза коршиносон аз ҷузъитарин корҳои қаннодии замонавӣ ҳарф зада, омӯзгорону устоҳои таълимиро бо методҳои навтарини DACUM, ки он ба таълими ниёзмандону маъюбон равона гардида буд, ошно сохтанд. Умед аст, ки пас аз ин омӯзиши дақиқ омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолии литсейҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон шогирдони ниёзманди худро ба роҳи дурусту оқилонаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ комилан самарабахш таълим хоҳанд дод.



**Хабарнигори мо**